«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.п., дотсент
________________Сафарзода Д.Ҷ.
«__» ________ 2026 сол

## ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Нуруллозода Алӣ Нурулло дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Нуруллозода Алӣ Нурулло дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**. Бозори суғурта бо равандҳои рушди иқтисоди миллӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои субъектҳои соҳибкорӣ, таҳкими устувории низоми молиявӣ ва татбиқи самараноки сиёсати давлатӣ робитаи ногусастанӣ дорад. Аз ин рӯ, омӯзиши ҷанбаҳои ҳуқуқии фаъолияти бозори суғурта аз нуқтаи назари ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ аҳаммияти махсуси назариявӣ ва амалӣ касб менамояд. Таҳқиқоти мазкур метавонад барои такмили заминаҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа, аз ҷумла такмил додани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи фаъолияти суғуртавӣ, баланд бардоштани самаранокии механизми танзим ва назорати давлатӣ, инчунин таҳкими сатҳи эътимоди ҷомеа ба институтҳои суғуртавӣ мусоидат намояд. Дар шароити муосир, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди устувори иқтисодӣ ва ҳамгироии фаъол ба муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ равона гардидааст, омӯзиши ҳамаҷонибаи масъалаҳои ҳуқуқии бозори суғурта аҳаммияти махсус пайдо мекунад.

Мубрамияти таҳқиқ ҳамчунин аз он бармеояд, ки дар адабиёти ҳуқуқшиносии ватанӣ таҳқиқоти махсуси комплексӣ оид ба масъалаҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғурта то ҳол нашудааст. Қабули «Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028» такмили қонунгузории соҳибкорию

маданиро ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати ҳуқуқии давлат муайян намудааст. Дар чунин шароит таҳқиқи комплексии масъалаҳои назариявӣ ва амалии танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғурта, коркарди мафҳумҳои дақиқи ҳуқуқӣ ва пешниҳодҳои асоснок оид ба такмили қонунгузорӣ ниҳоят саривақтӣ ва зарур мебошад.

Ҳамин тариқ, мавзуи диссертатсияи Нуруллозода Алӣ Нурулло дорои мубрамияти баланди илмӣ ва амалӣ буда, ба эҳтиёҷоти воқеии рушди қонунгузории соҳибкорӣ ва маданӣ ва таъмини устувории муҳити ҳуқуқии фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ мебошад.

**Дараҷаи асоснокии гузориши илмӣ, хулосаю пешниҳодҳо.** Дараҷаи асоснокии гузориши илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳои дар диссертатсияи Нуруллозода Алӣ Нурулло баёнгардида баланд арзёбӣ мегардад.

Муаллиф таҳқиқоти худро бар пояи таҳлили ҳамаҷонибаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла муқаррароти Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолият суғуртавӣ», санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ, инчунин қонунгузории хориҷӣ (Русия, Қазоқистон, Украина, Олмон, Фаронса) ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ анҷом додааст. Ин тарз имкон додааст, ки масъалаҳои назариявӣ ва амалии танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғурта ба таври муназзам ва мантиқӣ баррасӣ шаванд.

Дар ҷараёни таҳқиқ муаллиф аз маҷмуи васеи усулҳои илмӣ, аз ҷумла усулҳои таҳлилӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ, синтез ва индуксия ва моделсозӣ истифода бурдааст, ки ин ба амиқӣ ва объективияти таҳқиқ мусоидат намудааст. Хулосаҳои пешниҳодшуда на танҳо ба таҳлили назариявӣ, балки ба омӯзиши амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ (5 парвандаи судӣ) ва ҳолатҳои мушаххаси ҳуқуқӣ такя мекунанд.

Асоснокии илмии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки муаллиф мушкилотӣ мавҷудаи қонунгузорӣ вобаста ба мафҳум, хусусият, аломат ва табиати ҳуқуқии фаъолияти соҳибкори дар бозори суғурта, суғуртаи киберӣ ва суғуртаи гурӯҳӣ ҳамчун намудҳои мустақили суғурта, чораҳои ҳуқуқӣ барои такмили қонунгузорӣ, ҳимояи ҳуқуқии соҳибкорон дар ҳолатҳои ҳодисаҳои суғуртавӣ ва радди пардохтро муайян намуда, барои бартараф намудани онҳо пешниҳодҳои мушаххас ва бо далелҳои илмӣ таҳия намудааст. Пешниҳодҳо дорои хусусияти мантиқӣ, пайдарҳам ва мутобиқ ба сохтори қонунгузории миллӣ мебошанд.

Ҳамзамон, таҳлили муқоисавии қонунгузории хориҷӣ ва истифодаи таҷрибаи мусбати давлатҳои дигар барон такмили қонунгузории миллӣ ба хулосаҳо ва пешниҳодҳои муаллиф асоснокии иловагӣ мебахшад. Муаллиф бо далелҳои муътамад нишон медиҳад, ки ворид намудани тағйирот ба Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни ҶТ “Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ”, Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ” ва Қонуни “Дар бораи соҳибкории иҷтимоӣ” барои бартараф намудани номуайяниҳои ҳуқуқӣ зарур мебошад.

Хулосаҳои умумии диссертатсия бо мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ мутобиқат дошта, дар асоси таҳлили мантиқӣ ва муназзами маводи назариявӣ ва эмпирикӣ таҳия гардидаанд. Пешниҳодҳои илмии муаллиф дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ буда, татбиқи онҳо метавонад ба такмили қонунгузории маданӣ, соҳибкорӣ, рушди муносибатҳои суғуртавӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намояд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳияти натиҷаҳои гирифташуда.** Навгонии илмии диссертатсияи Нуруллозода Алӣ Нурулло дар он ифода меёбад, барои аввал дар илми ҳуқуқи Тоҷикистон таҳқиқоти комплексии танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта дар шароити ислоҳоти навини қонунгузорӣ ва рақамисозии низоми молиявӣ анҷом дода шудааст. Нававарии илмӣ, пеш аз ҳама, дар нуктаҳои зерин ифода меёбад:

1. Таърифи мукаммали ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта ҳамчун намуди мустақили соҳибкорӣ пешниҳод карда шудаат. Муаллиф мафҳуми нав ва мукамали ҳуқуқии фаъолияти соҳибкориро дар бозори суғурта пешниҳод кардааст (саҳ. 25-28) ки фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта ҳамчун фаъолияти мустақил, низомнок, пуртаваккал ва бо ҳадафи асосии ба даст овардани фоида анҷом додашаванда эътироф мешавад тавсиф намудааст.

2. Мушкилоти мушаххаси Тоҷикистон дар танзими суғурта пас аз ислоҳоти назоратии солҳои 2023-2025 муайян карда шудааст. Муаллиф чунин мушкилотҳоро дар танзими суғуртаи Тоҷикистон пешниҳод намудааст, (саҳ. 87-110) ки ба онҳо набудани фонди кафолати суғурта, заифии механизмҳои ҷуброни фоидаи гумшуда ва набудани методикаи дақиқи ҳисоби он, паст будани шаффофияти иттилоотӣ ва дастрасии маҳдуди соҳибкорон ба маълумоти молиявии ширкатҳои суғуртавӣ, набудани институти омбудсмени мустақил барои ҳалли суръатбахш ва ғайрисудии баҳсҳо ва маҳдудияти намудҳои суғуртаи ихтиёрӣ ва ҳадди пасти маблағҳои суғурта дохил мешаванд.

3. Зарурати ҷудо намудани суғуртаи киберӣ ва суғуртаи гурӯҳӣ ҳамчун намудҳои мустақили суғурта дар қонунгузории миллӣ ассоснок карда шудааст. Муаллиф пешниҳод намудааст (саҳ.144-147), ки қоидаҳои махсуси суғуртаи гурӯҳӣ ва корпоративӣ таҳия ва тасдиқ карда шаванд. Инчунин пешниҳод менамояд, ки дар шароити афзоиши ҳамлаҳои киберӣ ва талафоти маълумот ин намуди суғурта барои ҳимояи молиявӣ ва обрӯи корхонаҳо муҳим мешавад. Аз ин рӯ зарур аст, ки дар қонунгузории миллӣ ин намуди суғуртаҳо дар модаҳо ё бобҳои алоҳида мустаҳкам карда шаванд.

4. Комплекси чораҳои ҳуқуқӣ барои такмили қонунгузорӣ пешниҳод гардидааст. Муаллиф пешниҳод менамояд (саҳ.149-178), ки барои ноил шудан ба сатҳи баланди устуворӣ ва ҳимояи воқеии соҳибкорон дар бозори суғурта зарур аст, ки системаи ҳуқуқӣ ва маъмурии кишвар ба таври ҳамаҷониба ва марҳила ба марҳила такмил дода шавад.

5. Тавсияҳои амалӣ оид ба баланд бардоштани ҳимояи ҳуқуқии соҳибкорон дар ҳолатҳои ҳодисаҳои суғуртавӣ ва радди пардохт коркард шудааст. Муаллиф барои ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои соҳибкорон чунин тавсияҳои амалиро пешниҳод менамояд (саҳ. 184-187), ки он аз қабули Кодекси суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъсиси низоми кафолати пардохтҳои суғуртавӣ, таъсиси институтҳои мустақили ҳалли низоъҳо, ҳавасмандгардонии иқтисодӣ ва маъмурии соҳибкорон ва таъмини устувории молиявии ширкатҳои суғуртавӣ иборат мебошад.

6. Таҳлили муқоисавӣ таҷрибаи бойи кишварҳои хориҷа (Русия, Қазоқистон, Украина, Олмон, Фаронса) ва пешниҳоди роҳҳои мутобиқсозии он ба шароити иқтисодию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидаанд. Муллиф пешниҳод менамояд (саҳ. 89-109), ки дар асоси омӯзиши таҷрибаи пешқадами давлатҳои хориҷа имкон медиҳад, ки сатҳи ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон дар соҳаи суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба стандартҳои байналмилалӣ наздик шавад, эътимоди соҳибкорон ба низоми суғурта афзоиш ёбад ва дар ниҳоят бозори суғуртаи ихтиёрӣ дар кишвар рушд карда, ба рушди устувори иқтисоди миллӣ мусоидат намояд.

Саҳеҳият ва боэътимодии натиҷаҳои гирифташуда бо истифодаи усулҳои муосири таҳқиқи илмӣ, аз ҷумла таҳлилӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ, синтез ва индуксия ва моделсозӣ таъмин гардидааст. Хулосаҳо бар пояи таҳлили қонунгузории амалкунанда, санадҳои барномавӣ, амалияи судӣ ва таҷрибаи татбиқи ҳуқуқ асос ёфтаанд, ки ин ба дурустӣ ва асоснокии илмии онҳо шаҳодат медиҳад. Натиҷаҳои таҳқиқ дар нуқтаҳои барои ҳимоя пешниҳодшуда ва хулосаҳои умумии диссертатсия таҷассум ёфта, бо мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ мутобиқат доранд.

Ҳамин тариқ, навгонии илмӣ ва саҳеҳияти натиҷаҳои бадастомада диссертатсияро ҳамчун таҳқиқоти мустақили дорои арзиши назариявӣ ва амалӣ муаррифӣ менамоянд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои диссертатсияи Нуруллозода Алӣ Нурулло дорои аҳаммияти назарраси илмӣ, амалӣ, иқтисоди ва иҷтимоӣ буда, ба рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи соҳибкорию маданӣ ва такмили танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамоянд.

Аҳаммияти илмии натиҷаҳои таҳқиқ дар он ифода меёбад, ки дар диссертатсия заминаи назариявии фъолияти соҳибкорӣ дар бахши суғурта дар доираи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва маданӣ такмил ва густариш дода шудааст. Муаллиф заминаҳои ҳуқуқӣ, мафҳум, аломатҳо, хусусиятҳо ва шаклҳои ҳуқуқии шартномаҳои суғурта ҳамчун объекти муносибатҳои соҳибкорӣ, шаклҳо ва механизмҳои ҳуқуқии танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғурта ва мушкилоти ҳуқуқӣ, инчунин таҷрибаи қонунгузории давлатҳои хориҷа дар ҳифзи ҳуқуқҳои соҳибкорон дар соҳаи суғуртаро дақиқ намудааст. Хулосаҳои илмии пешниҳодшуда метавонанд ҳамчун пояи назариявӣ барои таҳқиқоти минбаъда дар соҳаи фаъолияти

соҳибкори дар бозори суғурта истифода шаванд. Аҳаммияти амалии натиҷаҳои таҳқиқ дар имконияти истифодаи онҳо ҳангоми такмили қонунгузории соҳибкорӣ ва татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ зоҳир мегардад. Пешниҳодҳои мушаххас оид ба ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қонунҳои соҳавӣ метавонанд барои мақомоти қонунгузор, судҳо ва дигар субъектҳои ҳуқуқтатбиққунӣ манфиатовар бошанд. Ҳамзамон, маводи таҳқиқ метавонад дар раванди таълими фанҳои «Ҳуқуқи маданӣ», «Ҳуқуқи суғурта» ва «Ҳуқуқи соҳибкорӣ» истифода гардад.

Аҳаммияти иқтисодии натиҷаҳои диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки такмили механизмҳои ҳуқуқии дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғурта ба рушди муносибатҳои иқтисодиву молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад. Аҳаммияти иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия дар он ифода меёбад, ки бозори суғурта, ҳамчун омили муҳимми рушди устувор ва коҳиши камбизоатӣ зикр шудааст.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳаммияти фарогир ва бисёрҷанба буда, метавонанд дар рушди назария ва амалияи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва маданӣ, такмили қонунгузорӣ ва таҳкими суботи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми назаррас гузоранд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ**. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионии Нуруллозода Алӣ Нурулло бо истифодаи методологияи мукаммал ва манбаъҳои боэътимоди ҳуқуқӣ ва илмӣ таъмин гардидааст. Муаллиф дар раванди таҳқиқ аз усулҳои таҳлилӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ, синтез ва индуксия ва моделсозӣ истифода намуда, масъалаҳои ҳуқуқии танзими фаъолияии соҳибкориро дар бозори хизматрасониҳои суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври пайдарҳам ва ҳамаҷониба баррасӣ кардааст.

Асоси эмпирикии таҳқиқро қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла муқаррароти Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои махсус («Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ», «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ...»), санадҳои зерқонунӣ, инчунин қонунгузории хориҷӣ (Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Қазоқистон, Олмон, Фаронса, Украина), амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ (зиёда аз 5 парвандаи судӣ) ва таҳлили мавқеъҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ (зиёда аз 150 сарчашма) ташкил медиҳанд. Истифодаи чунин манбаъҳои гуногунҷанба ба хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмии муаллиф устуворӣ ва асоснокии назариявӣ мебахшад. Дурустии натиҷаҳои таҳқиқ дар пайдарҳамии мантиқии баррасии масъалаҳо, мутобиқати хулосаҳо ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ ва асоснок гардидани ҳар як пешниҳоди илмӣ зоҳир мегардад. Муаллиф дар таҳияи хулосаҳо аз таҳлили муқоисавии қонунгузории хориҷӣ низ истифода бурда, пешниҳодҳои худро дар заминаи таҷрибаи байналмилалӣ ва мутобиқ ба шароити ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок намудааст. Асоснокии натиҷаҳо бо таҳлили мушаххаси холигиҳо ва норасоиҳои қонунгузории амалкунанда, инчунин бо пешниҳоди роҳҳои воқеӣ ва амалишавандаи

такмили меъёрҳои ҳуқуқӣ таъмин шудааст. Пешниҳодҳои муаллиф дорои хусусияти амалӣ буда, аз ҷиҳати техникӣ-ҳуқуқӣ мутобиқ ба сохтори Кодекои мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидаанд.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои таҳқиқ дорои дараҷаи баланди эътимоднокӣ, дурустӣ ва асоснокии илмӣ буда, ба талаботи корҳои диссертатсионии сатҳи номзадӣ пурра ҷавобгӯ мебошанд ва метавонанд дар фаъолияти илмӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқтатбиққунӣ истифода шаванд.

**Саҳми шахсии дбвталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ**. Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ - Нуруллозода Алӣ Нурулло дар таҳқиқи диссертатсионӣ бо сатҳи баланди мустақилияти илмӣ, навоварии назариявӣ ва асоснокии таҳлили ҳуқуқӣ пурра тасдиқ мегардад. Ҳамаи муқарраротa илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳое, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд, аз ҷониби муаллиф мустақилона таҳия ва бо далелҳои илмӣ асоснок карда шудаанд.

Саҳми шахсии довоталаб, пеш аз ҳама аз инҳо иборат мебошад: 1. Таърифи мукаммали ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта ҳамчун намуди мустақили соҳибкорӣ таҳия карда шудааст(саҳ. 25-28). 2. Пешниҳод карда мешавад, ки Кодекси суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун санадҳои ягонаи кодексӣ таҳия ва қабул карда шавад (саҳ. 149). Инчунин пешниҳод карда мешавад, ки ба КМ ҶТ, Қонун «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ», Қонун «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ», Қонун «Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо» ва Қонун «Дар бораи соҳибкории иҷтимоӣ» меъёрҳои нав ворид карда шаванд (саҳ. 150-171). 3. Таҳлили муқоисавии қонунгузории хориҷӣ – муаллиф мустақилона қонунгузории хориҷии зиёда аз 6 давлатро омӯхта, онро бо қонунгузории ҶТ муқоиса кардааст. 4. Комплекси чораҳои ҳуқуқӣ барои такмили қонунгузорӣ пешниҳод гардидааст. Муаллиф пешниҳод менамояд (саҳ.149-178), ки барои ноил шудан ба сатҳи баланди устуворӣ ва ҳимояи воқеии соҳибкорон дар бозори суғурта зарур аст, ки системаи ҳуқуқӣ ва маъмурии кишвар ба таври ҳамаҷониба ва марҳила ба марҳила такмил дода шавад. 5. Ҷамъоварӣ ва таҳлили маводи эмпирикӣ - муаллиф мустақилона 5 парвандаи судиро ҷамъоварӣ, таҳлил ва дар диссертатсия ҷой додааст. 6. Иштирок дар конференсияҳои илмӣ - муаллиф дар 4 конференсияи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ бо маърӯзаҳо баромад карда, натиҷаҳои таҳқиқотро ба муҳокимаи ҷомеаи илмӣ пешниҳод намудааст. 7. Нашри мақолаҳои илмӣ - муаллиф 9 мақолаи илмӣ (аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда) ба нашр расонидааст.

Ҳамин тариқ, диссертатсия натиҷаи кори мустақилона ва эҷодкоронаи довталаб буда, саҳми шахсии ӯ дар таҳқиқ ба таври возеҳ инъикос ефта, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ мебошад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионии Нуруллозода Алӣ Нурулло дар нашрияҳои илмии тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври кофӣ

инъикос гардидаанд. Тибқи маълумоти феҳристи интишорот (саҳ. 218-219), аз рӯйи мавзуи диссертатсия 9 мақолаи илмӣ ба нашр расонида шудааст, ки аз онҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсияшудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор ёфтаанд.

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1–М]. Аҷиков, А.Н. Ҷанбаҳои ҳуқуқии таърихи ташакулёбии суғурта [Матн] / А.Н. Аҷиков // Идоракунии давлатӣ. – 2024. – № 2 (67). – С. 278–286. – ISSN 2664–0651.

[2–М]. Аҷиков, А.Н. Заминаҳои ҳуқуқии бозори хизматрасониҳои суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.Н. Аҷиков // Идоракунии давлатӣ. – 2024. – № 3 (68). – С. 307–314. – ISSN 2664–0651.

[3–М]. Аҷиков, А.Н. Роҳҳои такмили танзими ҳуқуқии бозори хизматрасониҳои суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.Н. Аҷиков // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. Бахши илмҳои фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ. – 2025. – № 2 (18). – С. 130–136. – ISSN 2710–4672.

[4–М]. Аҷиков, А.Н. Танзими давлатии бозори хизматрасониҳои суғурта [Матн] / А.Н. Аҷиков// Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2025. – № 2 (38). – С. 251–258. – ISSN 2414 9217.

[5–М]. Сангинзода, Д.Ш., Аҷиков, А.Н. Мафҳум, аломат ва махсусияти хизматрасонии суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Д.Ш. Сангинзода, А.Н. Аҷиков // Идоракунии давлатӣ. – 2025. – № 3 (74). – С. 148–154. – ISSN 2664–0651.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳои конференсияҳои байналмилалӣ ва дигар нашрияҳои илмӣ–амалӣ чоп шудаанд:**

[6–М]. Аҷиков, А.Н. Механизмҳои ҳуқуқии баланд бардоштани самаранокии бозори хизматрасониҳои суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.Н. Аҷиков // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ–амалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами ҳуқуқ ва иқтисод дар шароити муосир» (Душанбе, 20 ноябри соли 2025). – Душанбе: Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, 2025. – С. 193–200.

[7–М]. Аджиков, А.Н. Договор оказания страховых услуг: сравнительный анализ законодательства США, России и Китая [Текст] / А.Н. Аджиков // Материалы международной научно–практической конференции на тему «Актуальные вопросы права и экономики в современных условиях» (Душанбе, 20 ноября 2025 года). – Душанбе: Таджикский государственный университет коммерции, 2025. – С. 127–132.

[8–М]. Аҷиков, А.Н. Ҳолати ҳуқуқии ташкилоти суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.Н. Аҷиков // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ–назариявӣ дар мавзуи «Роҳҳои иҷтимоӣ–фарҳангӣ ва ҳуқуқии мубориза бар зидди таҳдидҳои замони муосир» (Данғара, 13 июни соли 2025). – Данғара: Донишгоҳи давлатии Данғара, 2025. – С. 123–127.

[9–М]. Аҷиков, А.Н. Таҷрибаи қонунгузории давлатҳои хориҷа оид ба танзими бозори хизматрасониҳои суғурта [Матн] / А.Н. Аджиков // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ–назариявӣ дар мавзуи «Роҳҳои иҷтимоӣ–фарҳангӣ ва ҳуқуқии мубориза бар зидди таҳдидҳои замони муосир» (Данғара, 13 июни соли 2025). – Данғара: Донишгоҳи давлатии Данғара, 2025. – С. 180–184.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои таҳқиқ ба таври зарурӣ апробатсия гардида, интишори онҳо дар нашрияҳои илмии тақризшаванда сатҳи баланди омодагӣ ва эътимоднокии кори диссертатсиониро тасдиқ менамояд. Теъдод ва сатҳи маводи чопшуда ба бандҳои 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, пурра мутобиқ мебошад.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он.** Диссертатсияи Нуруллозода Алӣ Нурулло дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз ҷиҳати мазмун, фарогирии масъалаҳо ва сатҳи таҳлили илмӣ дар дараҷаи зарурии кори илмии тахассусӣ таҳия гардидааст. Мазмуни диссертатсия бо мақсад ва вазифаҳои эълонгардидаи таҳқиқ мутобиқат дошта, масъалаҳои назариявӣ ва амалии вобаста ба заминаҳои ҳуқуқӣ, мафҳум, аломатҳо, хусусиятҳо ва шаклҳои ҳуқуқии шартномаҳои суғурта ҳамчун объекти муносибатҳои соҳибкорӣ, шаклҳо ва механизмҳои ҳуқуқии танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғурта ва мушкилоти ҳуқуқӣ инчунин таҷрибаи қонунгузории давлатҳои хориҷа дар ҳифзи ҳуқуқҳои соҳибкорон дар бозори суғуртаро ба таври муназзам ва пайдарҳам баррасӣ менамояд. Муаллиф бо такя ба таҳлили қонунгузории амалкунанда, мавқеъҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, амалияи судӣ ва санадҳои барномавии давлатӣ хулосаҳои илмии асоснок пешниҳод кардааст.

Дар раванди таҳқиқ масъалаҳои баҳсталаби рушди иқтисоди миллӣ, ҳифзи манфиатҳои соҳибкорон, таъмини устувории низоми молиявӣ ва амалӣ гардонидани сиёсати давлатӣ дар бахши суғурта, баланд бардоштани самаранокии назорат ва афзоиши эътимоди ҷомеа ба бозори суғурта, бо таҳлили амиқ ва далелҳои назариявию амалӣ баррасӣ гардидаанд.

Хулосаҳои пешниҳодшуда дорои хусусияти мантиқӣ ва пайдарҳам буда, аз таҳлили низомнок ва системавии масъалаҳо бармеоянд. Дараҷаи ба итмом расидани таҳқиқ баланд арзёбӣ мешавад. Муаллиф масъалаҳои гузошташударо пурра фаро гирифта, натиҷаҳои таҳқиқро дар хулосаҳо ҷамъбаст намуда, пешниҳодҳои мушаххас оид ба такмили қонунгузории соҳибкорӣ ва маданӣ ироа намудааст.

Ҳамин тариқ, мазмуни диссертатсия ба талаботи корҳои диссертатсионии сатҳи номзадӣ мутобиқ буда, дараҷаи ба итмом расидани он пурра ва қонеъкунанда арзёбӣ мегардад.

**Сохтори рисолаи илмӣ.** Рисола аз феҳристи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, шаш зербоб, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва

феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд. Ҳаҷми умумии диссертатсия 219 саҳифа-ро дар бар мегирад.

Боби якум («Ҷанбаҳои ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғурта », саҳ. 19-69) номгузорӣ гардида, дар он заминаи ҳуқуқӣ ва мафҳуми ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта ҳамчун намуди фаъолияти соҳибкорӣ, аломатҳо, хусусиятҳо ва шаклҳои ҳуқуқии шартномаҳои суғурта ҳамчун объекти муносибатҳои соҳибкорӣ мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода шудаанд.

Боби дуюм («Танзими давлатӣ ва мушкилотҳои ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта», саҳ. 70-110) номгузорӣ шуда, дар он масъалаҳои шаклҳо ва механизмҳои ҳуқуқии танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғурта, мушкилоти ҳуқуқӣ ва таҷрибаи қонунгузории давлатҳои хориҷа дар ҳифзи ҳуқуқҳои соҳибкорон дар соҳаи суғурта мавриди таҳлил, омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Боби сеюм («Роҳҳои такмили танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон», саҳ. 111-178) номгузорӣ шуда, дар он масъалаҳои механизмҳои ҳуқуқии баланд бардоштани самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ ва ҳифзи манфиатҳои соҳибкорон дар бозори суғурта, пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузорӣ ва таъмини устувории фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифтаанд

Сохтори диссертатсия ба талаботи корҳои диссертатсионии сатҳи номзадӣ пӯрра ҷавобгӯ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ.** Диссертатсияи Нуруллозода Алӣ Нурулло дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи Қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 25 сентябри соли 2025, №10) пурра мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз рӯйи ҳаҷм (219 саҳифа), сохтор (муқаддима, 3 боб, 6 зербоб, хулоса, адабиёт), мазмун, навгонии илмӣ, асоснокӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, апробатсия (4 конференсия) ва нашри натиҷаҳо (9 мақола, аз ҷумла 5 дар маҷаллаҳои тақризшаванда) ба талаботи муқарраргардида пурра ҷавобгӯ мебошад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии Нуруллозода Алӣ Нуруллоба ихтисоси илмии дархостшавандаи 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хӯсуси пурра мувофиқат мекунад. Диссертатсияи ӯ ба таҳлили яке аз институтҳои асосии ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ — танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғурта бахшида шудааст. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад.

Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия. Сарфи назар аз сатҳи баланди илмии диссертатсия, баъзе эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталабро зикр кардан мумкин аст:

1. Дар диссертатсия қонунгузории як қатор кишварҳои хориҷӣ (Олмон, Фаронса, Русия, Қазоқистон, Украина, Қирғизистон) таҳлил шудааст. Аммо муаллиф ҳангоми муқоисаи қонунгузории Тоҷикистон бо Олмон ва Фаронса, меъёрҳои гуногуни муқоисавиро истифода кардааст. Масалан, ҳангоми муқоиса бо Олмон асосан талаботҳои сармоя (саҳ. 139-141) ва ҳангоми муқоиса бо Фаронса асосан тартиби ҳалли баҳсҳо таҳлил шудааст (саҳ. 92-93). Дар ин ҳол, барои ҳарду кишвар бояд як меъёр (масалан, ҳифзи ҳуқуқи суғурташавандагон) мавриди муқоиса қарор мегирифт.

2. Дар боби 3 (махсусан зербоби 3.2) муаллиф пешниҳодҳои амалии зиёдеро (Кодекси суғурта, Фонди кафолат, омбудсмен, ҳавасмандгардонии иқтисодӣ) пешниҳод кардааст, аммо ҳангоми пешниҳоди таъсиси Фонди кафолати пардохтҳои суғуртавӣ, муаллиф ҳадди ақали саҳмияҳои ширкатҳоро (0,5-2% аз ҳаҷми мукофотҳо) пешниҳод мекунад, ҳисоби дақиқи ин маблағҳо дар асоси омори воқеии бозор (масалан, ҳаҷми умумии мукофотҳо дар соли 2025 -- 208,60 млн сомонӣ) оварда нашудааст.

3. Ҳангоми пешниҳоди таъсиси омбудсмени суғурта, муаллиф хизматрасонии онро ройгон пешниҳод мекунад, аммо сарчашмаи маблағгузории дастгоҳи омбудсмен (буҷет? саҳмияҳои ширкатҳо?) муайян карда нашудааст. Дар муқоиса бо Русия ва Қазоқистон, омбудсмен одатан аз ҳисоби саҳмияҳои ширкатҳои суғуртавӣ маблағгузорӣ мешавад, аммо ин нуқта дар диссертатсия равшан нашудааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки эродҳои зикршуда хусусияти принсипиалӣ надошта, ба арзёбии умумии диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия**. Хулосаи диссертатсияи Нуруллозода Алӣ Нурулло дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун, сохтор ва натиҷаҳои илмӣ ба талаботи муқаррааргардида мутобиқ мебошад.

Диссертатсия бо дараҷаи баланди мукаммалӣ, асоснокии илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалӣ фарқ намуда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Муаллифи рисола Нуруллозода Алӣ Нурулло бо назардошти натиҷаҳои бадастомада ва хулосаҳои илмии пешниҳодшуда, сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дониста мешавад.

Тақризи муассисаи пешбар мутобиқи муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Диссертасия ва автореферат дар семинари васеи илмӣ назариявии кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва иқтисоди факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар семинар иштирок доштанд 9 нафар: Тарафдор 9 нафар, муқобил – бетараф нест. Протоколи семинари васеи илмӣ-назариявӣ таҳти №10 аз 12-уми июни соли 2026.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби М.Т. Раупова д.и.ҳ., профессори кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва иқтисодии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода карда шуда, дар ҷаласаи кафедра муҳокима ва ҷонибдорӣ карда шудааст. Дар маҷлис иштирок доштанд 9 нафар: тарафдор 9 нафар, муқобил – бетараф нест. Протоколи кафедра таҳти №10 аз 12-уми июни соли 2026.

**Раиси семинари илмӣ-назариявӣ:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент мудири кафедраи ҳуқуқи
маданӣ ва иқтисодии Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Олимзода Д.А.

**Ташхисгар:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессори кафедраи ҳуқуқи
маданӣ ва иқтисодии Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раупова М.Т.

**Котиби ҷаласа:**
муаллими калони кафедраи
ҳуқуқи маданӣ ва иқтисодии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Нуров Ф.Б.

«Имзои Олимзода Д.А., Раупова М.Т.,
Нуров Б.Ф.-ро тасдиқ мекунам»:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва
корҳои махсус Насурдинзода А.Н.
«12» 06 соли 2026 12.06.2026

**Суроға:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Саид Носир 33
Тел: (+992 37) 224-45-29, https://www.apa.tj, info@apa.tj,